МУРОДАЛӢ СОБИР



# СУБҲИ ВАРЗОБ

МУРОДАЛӢ СОБИР

# СУБҲИ ВАРЗОБ

ДУШАНБЕ
«ЭҶОД»
2008

ББК 84 тоҷик 7-5
С-18

***Китоб бо кӯшиш ва эҳтимоми Сафири фавқулоддаи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Тоҷикистон мӯҳтарам Магеррам Алиев ба чоп омода шуд, ки муаллиф изҳори сипосу миннатдорӣ мекунад.***

14008 аб

Муҳаррир:
***Олимхон Исматӣ***

***Муродалӣ Собир*. Субҳи Варзоб.** *Маҷмӯаи ашъор барои бачаҳо.* — Душанбе: «Эҷод», 2008. -32 с.

«Субҳи Варзоб» - маҷмӯаи тозаэҷоди Муродалӣ Собир аст. Кӯтаҳбаёнӣ ва равониву хушоҳангӣ, ки хоси шеъри бачагона аст, дар саросари ин баёз ба чашм мерасад. Боварӣ дорем, ки алоқамандони шеъру сухан аз ин маҷмӯа бебаҳра намемонанд.

© **Муродалӣ Собир, 2008.**

# ВАТАН РОЗӢ – МАН РОЗӢ

Мактуб омад ин саҳар
Аз акаи ман Назар.

Нома ба номи модар,
Чун эҳтироми модар.

Кушод ӯ хати писар.
Бидид сурати писар.

Чашмонаш дурахшанда,
Лабонаш пури ханда

Пагонҳояш ҷилодор,
Нишонҳояш бешумор.

Ин бошад гувоҳи он
Хизмат мекунад шоён.

Дар лабонаш табассум.
Дили модар мезад гум,

Гуфто: ҷигарбанди ман,
Розӣ кӯн аз худ Ватан.

Ватан розӣ – ман розӣ,
Ман розӣ – Ватан розӣ.





## ДЕҲАИ ПОЙҒОЗӢ

Деҳаи Пойғозиям
Ошиқи худ созиям.

Дар соҳили ду рӯдӣ,
Зебову хушнамудӣ.

Обаки чашмасорат
Ҳавои беғуборат.

Зӯру тавон бубахшад,
Ба ҷисм ҷон бубахшад.

Ҳаркӣ ба деҳа ояд,
Ба лаб бадеҳа ояд.

Зеро, ки шод гардад,
Ғарқи нишот гардад.

Ин деҳа не, биҳишт аст,
Ҳадяи сарнавишт аст.



# ТӮШАИ БАҲОР

Фасли навбаҳор омад,
Ба уштур савор омад.

Уштури қатор омад,
Тӯшаи бисёр омад.

Уштури абри равон,
Уштури абри давон.

Либоси ҳил-ҳил овард,
Рӯмоли шил-шил овард.

Ҳам ҷомаи махмалин,
Оварда баҳри замин.

Ҳам марҷону марворид,
Борони сим-сим борид.

Заминро ҳай хушрӯ кард,
Табиатро хушбӯ кард.



# ШОҲПАРАК

Ҷонвараки беозор
Болат пурнақшу нигор.

Дар боли ту бубинам
Манзари фасли баҳор.

Меравӣ аз гул ба гул,
Ҳастӣ чаро беқарор?

Дуздида шираи гул,
Мекунӣ ногаҳ фирор.

Ҳар гули сабзи чаман
Ҳаст туро интизор.

Аз ту ба гард ояд ӯ,
Нав ба нав ояд ба бор.

Боз биё... биё боз ...
Баҳри ту гулҳо қатор.



# ЗОҒЧАИ БАРФӢ

Барфи калон фуромад,
Парвонасон фуромад.
Чун пахтаҳои бибӣ
Аз осмон фуромад.

Дар теппаҳои пушта
Дар барфи тӯдагашта
Ҳай шодмонӣ карданд,
Зоғон ба ҳам нишаста.

Як бозии хуб карданд,
Хеле талотуб карданд.
Гӯё як зоғак сохта,
Пояшро аз чӯб карданд.

«Қарру қарру қар» - гуфтанд,
Ҳайкалчаро «пар» гуфтанд.
Зоғак наҷунбид аз ҷо,
«Бимон то саҳар...» - гуфтанд.


КАР
КАР
КАР

# ЧӮПОНӢ

Ман чӯпонӣ мекунам,
Раммабонӣ мекунам.

Барраву бузғоларо
Мебарам сӯи чаро.

Дар дашту кӯ мепоям,
Дар лаби ҷӯ мепоям.

Ҳамеша дар саҳроям,
Ёрдамчии бобоям.

Ман далеру нотарсам,
Аз гурге намеларзам.

Саги ман аз қафоям,
Силоҳи ман асоям.



## ГУРБА – САНИТАР ШУДАСТ

Эй гурба, дорӣ хур-хур,
Ҳарду гӯшат доим чур.

Дар сари роҳи мушак
Ҳастӣ хеле баҳушак.

Ана, меликконӣ дум,
Тайёрастӣ ба ҳуҷум.

«Фахху фуху фахху фух»,
Шуд думи як мушак чух.

Бо як ҷаҳиши озод
Мӯшак ба чангат афтод.

Сайдатро берун бурдӣ,
Берун бурдию хӯрдӣ.

Аз сари нав дар камин
Пойӣ роҳи ону ин...

Аз ҳар мӯши зарарнок
Хонаро мекунӣ пок.

Аз рӯзе гурба дорем,
Як зарра ғам надорем.

Гурба-санитар шудаст,
Тозагӣ беҳтар шудаст.



## ТОҶИРБИБӢ

Касе ба долон омад,
Монанди меҳмон омад,

Турбаю қаноре дошт,
Ҳай бори бисёре дошт.

Ӯ дафтару қалам дошт,
Шонаю собун ҳам дошт.

Магар ӯ савғо овард,
Шӯришу ғавғо овард.

Ӯ бибии тоҷир буд,
Колояш бозоргир буд.

Ҳалқаю гӯшворе дошт,
Куртаю шалворе дошт,

Қиматаш сила карданд,
Арзонаш талла карданд.



## МАРО БОҒЧА БУРДА МОН

Очаҷони меҳрубон,
Ман акнун шудам калон,

Маро боғча бурда мон,
Мисли Ҷонону Хубон.

Онҳо хонанд «Алифбо»,
«Алифбо» - ҷони зебо.

Ҷонон донад афсона,
Хубон хонад тарона.

То кай ман танҳо, оча,
Шинам ҳамроҳи зоча?

Рақамҳоро надонам,
Навишта ҳам натонам.

Очаҷони меҳрубон,
Маро боғча бурда мон!



## МАЙДА НЕ

Алифбо хонад Амон,
«а»-и хурд, «А»-и калон.

Ҳиҷо ба ҳиҷо хонад,
Бе ягон хато хонад,

Дигар майда не Амон,
Дар хондан ӯ қаҳрамон.

Ёрӣ расонад мудом,
Ба модари меҳрубон.

Дорад басе эҳтиром
Ба ҳама хурду калон.

Зеро китоб мехонад,
Неку бадро медонад.


АЛИФБ

# МОДАРКАЛОН

Бибиҷонам дарздӯз,
Медӯзад ӯ шабу рӯз.

Сӯзаниҳои зебо,
Чун баҳори дилкушо.

Сар то ба по ғарқи гул,
Дар он ғазалхон булбул...

Ба ангушти бибиҷон
Сӯзан халид ногаҳон.

Якбора нола кард ӯ,
«Очаҷон!» гуфт бадард ӯ.

Мо ҳама ҳайрон шудем,
Ба ӯ нигарон шудем.

Ба ин калонӣ модар
Медонӣ, эй бародар?

Вақте ки ояд ба ҷон,
Мегуфтааст: «Очаҷон!»

Оча ғанимат будаст,
Аз ҳама қимат будаст.



# БОЗИИ АҶИБ

Асо дарвозабон шуд,
Бозингари чаққон шуд,

Одинаву Музаффар
Шуданд муҳофизатгар.

Зафар сардорашон шуд,
Бозӣ кори калон шуд.

Тӯби чармии зебо
Мепарид аз зарби по.

Аз ин тараф Зафар зад,
Аз он тараф Сафар зад.

Мухлисони гузаро
Карданд шӯру ғавғо.

Ҳасанҷони ҳуҷумгар,
Баъди ҳуштаки довар

Гирифта тӯбро ба даст,
Ба дарвоза зад башаст.

Довар гуфто, ки: гол шуд,
Футбол не... волейбол шуд.


5

## БИЁ БА АЙВОН

Дар гӯшаи бом,
Нишаста ку-ку.
Аз саҳар то шом,
Чи мегӯӣ ту?

Лонаякатро
Фасли зимистон
Аз барфу борон
Кардаст вайрон.

Нашав ту ғамгин,
Биё ба айвон,
Ку-куи зебо,
Аз нав лона мон.

Обу донатро
Мекунам тайёр.
Ҳамроҳи ман мон,
То фасли баҳор.



## ДУ ДУХТАРИ ЯК ХОНА

Зочаҷони ширинам,
Чи хел нағзат мебинам.

Агар хезӣ ту аз хоб,
Шинӣ пешам баодоб,

Тоза шӯям рӯятро,
Шона занам мӯятро,

Ҳарду шавем дугона
Ду духтари як хона.



## ГУЛМОҲӢ

Афканда шаст
Дар оби рӯд,
Чашмам ба пӯк,
Дар лаб суруд,

Рӯди пуроб
Доим ба ҷӯш
Пурпечутоб-
Андар хурӯш.

Медод шаст
Огоҳие-
Бинам дар он
Гулмоҳие

Гулмоҳӣ буд
Дар изтироб.
Дар рӯи хок
Дар печутоб...

Сар додамаш
Дар оби кӯл,
То ки шавад
Моҳича мӯл.



## МУНДАРИЧА


Ватан розӣ ман розӣ ........ 3
Деҳаи Пойғозӣ ........ 4
Тӯшаи баҳор ........ 6
Шоҳпарак ........ 8
Зоғчаи барфӣ ........ 10
Чӯпонӣ ........ 12
Гурба санитар шудаст ........ 14
Тоҷирбибӣ ........ 16
Маро боғча бурда мон ........ 18
Майда не ........ 20
Модаркалон ........ 22
Бозии аҷиб ........ 24
Биё, ба айвон ........ 26
Ду духтари як хона ........ 28
Гулмоҳӣ ........ 30


*Муродалӣ Собир*

**СУБҲИ ВАРЗОБ**


Мусаввир: ***С. Имоддинова***
Муҳаррири
саҳифабанд ***А. Мираҳмадов***
Таррох ***Ф. Раҳимов***

Ба матбаа 15.10.2008 супорида шуд. Ба чопаш 20.10.2007 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи $60x84^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 2,0. Адади нашр 100 нусха. Супориши №86/08.

Нашриёти «ЭҶОД».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.



Муродалӣ Собир шоири бачаҳост. То ин муддат намунаи эҷодиёти ӯ дар бисёр китобҳои муштарак монанди «Ба ҷӯи нав об омад», «Кокули бом» ва маҷмӯаҳои алоҳидаи «Парасту», «Тифли дарё» ва «Садои сукут» ба чоп расидаанд.

«Субҳи Варзоб» - маҷмӯаи тозаэҷоди ӯст, ки шеърҳои тару тозаи он тараннумгари ҳаёти хурдсолон аст.

ЭҶОД